Бо маълумоти тиббии вобаста ба чораҳои пешгирӣ ва табобат, маълумот оид ба режими махсуси ҳуқуқии ворид шудани шаҳрвандони хориҷӣ ба ФР дар давраи пандемия дар ин сайи шинос шудан мумкин аст: стопкоронавирус.рф

Саҳифаи хати доғ барои муҳоҷирон дар шароити коронавирус дар Санкт-Петербург: http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/koronavirus/

## РОБИТАҲОИ МУФИД

**Дар ҳолати мушкилот оид ба гирифтани ёрии тиббӣ ба ин суроғаҳо муроҷиат кардан мумкин аст:**

**хатти доғи Министерства здравоохранения:**
8 (800) 200-03-89

**Комитет по здравоохранению Санкт-Петербурга:**
8 (812) 63-555-64, 8 (812) 571-09-06, zdrav.spb.ru

**Комитет по здравоохранению Ленинградской области:**
8 (812) 679-60-04, health.lenobl.ru

**Департамент здравоохранения Москвы:**
8 (499) 251-83-00, 8 (495) 777-77-77, mosgorzdrav.ru

**Министерство здравоохранения Московской области:**
8 (498) 602-03-01, mz.mosreg.ru

**Территориальный орган Росздравнадзора**
**по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области:**
8 (812) 314-67-89, 78, reg.roszdravnadzor.gov.ru

**по г. Москве и Московской области** (мушкилот оид ба гирифтани ёрии тиббӣ): 8 (495) 611-47-74; 8 (916) 256-76-76, 77, reg.roszdravnadzor.gov.ru

**Барои гирифтани маълумот дар бораи онҳое, ки ёрии таъҷилӣ бурдааст,** ба бюрои сабти ҳодисаҳои нохуш дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград муроҷиат кунед:
8 (812) 573-66-66, 8 (812) 573-66-63.

Агар ёрии таъҷилӣ бо занги Шумо наояд ва ё аз табобати Шумо саркашӣ кунад, ба телефони шикоятҳо аз ёрии таъҷилӣ занг занед:
дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград:
8 (812) 573-66-66, 8 (812) 573-66-63,
дар Москва ва вилояти Москва: 8 (495) 688-22-52.
Хадамоти маълумотдиҳии ёрии таъҷилӣ: 8 (495) 620-41-40.

**Маълумот дар бораи ёрии таъҷилӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва суроғаҳои муассисаҳои тиббӣ дар Санкт-Петербург**
http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/budte-zdorovy/

**Хатти доғ барои муҳоҷирони меҳнатии Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге:**
8 (812) 576-28-67

### Ташкилотҳои ҷамъиятӣ

**БФ «ПСП-фонд»** (дастгирии бепули ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):
8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09, psp-f.org, vk.com/pspfond

**Лоиҳаи волонтёрии «Благотворительная Больница»** (расондани ёрии бепули тиббӣ ба муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дар Санкт-Петербург)
https://vk.com/charityhospital

**«Миграция и мигранты. Межрегиональный информационный портал»** (маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои худ):
migrussia.ru

Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»
Авторы-составители: Хлызова Д.В., Якимов А.Н.
Редактор: Панич Б.Л.

Буклет «Медицинская помощь. Советы трудовым мигрантам» на таджикском языке.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Межрегиональный ресурсный центр по адаптации и интеграции мигрантов и гармонизации межнациональных отношений», реализуемого при поддержке Фонда президентских грантов.

ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»

# ЁРИИ ТИББӢ

## Маслиҳатҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ

2021

**Барои гирифтани ёрии таъчилии тиббӣ ба рақамҳои 103 ё 112 занг занед.**

**Дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатии Шумо ҳатто полиси тиббӣ ва ҳуччат ҳам надошта бошед, ба Шумо ҳатман бояд ёрии таъчилии тиббӣ расонанд.**

Шаҳрвандони хориҷӣ бояд полиси суғуртаи тиббӣ дошта бошанд, вагарна Шуморо ҷарима мебанданд ва ҳатто аз Россия хориҷ мекунанд!

Полиси тиббӣ метавонад ду намуд бошад:

- ДМС (суғуртаи ихтиёрии тиббӣ);
- ОМС (суғуртаи ҳатмии тиббӣ, бепул тайёр карда мешавад).

## ДМС

Полиси ДМС дар идораҳои ширкатҳои суғурта ё дар шуъбаҳои «Почта России» тайёр карда мешавад ва чунин ҳуқуқҳоро медиҳад:

- ёрии фаврии тиббӣ дар дармонгоҳҳо, беморхонаҳо;
- ёрии таъчилӣ ва фаврии тиббӣ;
- дигар хизматҳое, ки дар шартномаи ДМС пешбинӣ шудаанд.

Нархи полиси ДМС аз хизматҳои тиббии дар он зикршуда ва муҳлати амали он вобаста мебошад. Полиси аз ҳама арзони ДМС барои муҳоҷирони меҳнатӣ, маъмулан арзиши расондани ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббиро дар дармонгоҳҳо ва беморхонпҳои давлатӣ ҷуброн мекунад.

Полиси ДМС барои бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ маъмулан аз суғуртаи тиббии калонсолон қиматтар аст. Махсусан полисҳои ДМС барои кӯдакони ширхора ва навзодон қиматтар аст, зеро онҳо нисбатан бештар касал мешаванд ва табобати онҳо низ қимат мебошад. Полиси СИТ-ро инчунин ҳангоми қабули бача ба мактаб ҳам талаб карда метавонанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки ёрии таъҷилии тиббӣ дар ҳар сурат бепул расонида мешавад!

Агар зан пеш аз таваллуд ва ҳангоми таваллуд ёрии нақшавии тиббӣ гирифтан хоҳад, дар вақти таҳияи полиси ДМС инро бояд гӯяд, зеро барои ин барномаи махсуси суғурта талаб карда мешавад.

Барои гирифтани полиси ДМС чунин ҳуҷҷатҳо талаб карда мешаванд:

- шиноснома ва тарҷумаи ба воситаи нотариус тасдиқшудаи он;
- корти муҳоҷират ва нусхаи он;
- огоҳномаи сабти муҳоҷират (регистратсия) ва нусхаи он.

Агар Шумо полиси ДМС-ро ба воситаи кордиҳандаи худ расмӣ кунонед, ба Шумо иловатан боварихат аз тарафи роҳбари ташкилотатон бо ҳуқуқи имзокунӣ лозим мешавад.

## ОМС

**Шумо метавонед полиси ОМС гиред агар Шумо:**

- шаҳрванди давлати аъзои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) бошед ва тибқи шартномаи меҳнатӣ кор кунед.

**Ё инҳоро доред:**

- иҷозати истиқомати муваққатӣ (РВП);
- иҷозати истиқомат (ВНЖ);
- шаҳодатномаи пешниҳоди паноҳгоҳи муваққатӣ;
- шаҳодатномаи гуреза.

Барои гирифтани полиси ОМС бояд ташкилоти суғуртаи тиббиро интихоб кард – ин корро дар дармонгоҳи маҳалли зист анҷом додан мумкин аст.

Барои гирифтани полиси СҲТ ҳуҷҷатҳои зерин лозим мебошанд:

- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққкунандаи шахсият;
- СНИЛС;
- шартномаи меҳнатӣ;
- қисми буридаи варақаи огоҳномаи воридшавӣ (регистратсия) ё нусхаи он бо нишондоди ҷой ва муҳлати омадан.

Ба шаҳрвандони ЕАЭС (ИИАО), ки дар ФР кор мекунанд, полиси ОМС **дар шакли когазӣ дода мешавад ва муҳлати амали он** – то охири соли тақвимӣ, аммо на бештар аз муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ мебошад.

Аъзои оилаи шаҳрванди ЕАЭС, ки шартномаи худии меҳнатӣ надоранд, ҳуқуқи гирифтани ОМС-ро доро нестанд ва бояд полиси ДМС гиранд.

Ҳатман рақами телефон ва номи ташкилоти суғуртаро, ки ба Шумо полиси ДМС ё ОМС додааст, дар ёд доред – агар полисатон гум шавад, Шумо метавонед ба ширкати суғурта муроҷиат карда, онро барқарор намоед, ё гирифтани онро ҳангоми зарур шудани ёрии таъҷилӣ тасдиқ кунед.

**Нусхаи полиси суғуртаро бо худ доштан дар сурати гум шуданаш муҳим аст.**

## COVID-19

Коронавируси COVID-19 бемории сироятии ба шамолхӯрӣ монандро бармеангезад, ки оқибатҳои вазнин дорад ва ҳатто бо сабаби шамолхӯрӣ, осеб ёфтани системаҳои нафаскашӣ ва ҳозима ба марг оварда мерасонад.

**Гурӯҳи асосии хавфнок** – одамони аз 65-сола боло ҳастанд, аммо бачаҳо, ҷавонон, миёнсолон ҳам метавонанд осеб бинанд.Вирус аз одам ба одам ба воситаи сулфа, атса ва ба ҳам расидан мегузарад.

**Аломатҳои асосӣ:** таби баланд, сулфаи хушк, нафастангӣ, дарди мушакҳо, хастагии зиёд, дарди сар, баъзан – дарди қафаси сина, исҳол, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ. Аломатҳо дар муддати 14 рӯзи баъди сироятёбӣ пайдо мешаванд ва ба аломатҳои шамолхӯрии оддӣ ё зуком монанд мебошанд.

**Чӣ тавр аз коронавирус эҳтиёт шудан лозим аст:**

- дар ҷойҳои ҷамъиятӣ фақат бо ниқоб ва дастпӯшаки муҳофизатӣ гаштан;
- дастони чиркинро ба рӯй набурдан;
- аз муошират бо беморон дур будан;
- дастҳоро бо собун нағз шустан (на кам аз 30 сония);
- безарар гардондан ва бо собун шустани сатҳ ва ашёе, ки шумо ё дигар одамон даст мерасонанд;
- ба дигар касон даст нарасонидан ва дастонашонро нафушурдан.